**ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ**
Ректори Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав,
профессор ________ Давлатзода С.Х.
«__24__» ____09____ с. 2020

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Диссертатсияи Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович дар мавзӯи «**Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро гардидааст.

Дар раванди омода гардидани диссертатсия Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав маҳсуб меёфт. Айни замон ӯ ба ҳайси саромӯзгори кафедраи мазкур фаъолият намуда истодааст.

Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович Донишгоҳи педагогии Душанбе ба номи Қ. Ҷӯраев (ДДОТ ба номи С. Айнӣ)-ро аз рӯйи ихтисоси муаллими таърих, ҷамъиятшиносӣ ва ҳуқуқ хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ аз санаи 03 сентябри соли 2020, таҳти №4032 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Саидов Ҳомид Саидович, доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон мебошад.

**Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаҳои зерин қабул гардиданд:**

Масъалаи таҳқиқи тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI дар марҳилаи пурра аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бароварда шудани қувваҳои эътилофи байналмилалӣ бо роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва ташаккули элитаи нави роҳбарикунандаи кишвар хеле мубрам мебошад. Дурнамои ба сари ҳокимият омадани сарварони ба Ғарб майлдошта онҳоеро, ки ба устуворию суботи вазъи минтақаи Шарқи Миёна таваҷҷуҳ доранд, водор менамояд, ки ба масъалаи таъсири байниҳамдигарии омилҳои сиёсати берунаи ин кишвар дар сатҳи байналмилалӣ диққати ҷиддӣ диҳанд. Дар сиёсати хориҷӣ қувват гирифтани омили динӣ инкишофи вазъиятро дар як қатор кишварҳои Шарқи Миёна муайян менамояд. Дар худи Афғонистон дар ибтидои асри XXI тағйироти калони ҷамъиятӣ–сиёсӣ ба амал омада истодааст, ки муҳим будани мавзӯи таҳқиқро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар омилҳои зерин инъикос мегарданд:**

- дар солҳои охир Ҷумҳурии Исломии Афғонистон яке аз давлатҳои осебпазиру ба мушкилот печида муаррифӣ мешавад, ки аз қаламрави он таҳдидҳои ифротгарой ва интиқоли маводи мухаддир бармеоянд. Ворид шудани қуввахои ҳарбии давлатҳои узви Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ дар соли 2001 ба Афғонистон на танҳо масъалаҳои маҳви ташкилоти террористии «Ал-Қоида» ва ҷунбиши «Толибон»-ро ҳал карда натавонист, балки ба зиёд шудани истеҳсоли маводи мухаддир ва интиқоли минбаъдаи он ба кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, аз ҷумла Тоҷикистон, Европа ва дигар давлатҳои ҷаҳон сабаб гардид. Наздикии бевосита ба минтақаи Осиёи Марказӣ Тоҷикистонро водор менамояд, ки бо Афғонистон самти хоси сиёсати хориҷӣ дошта бошад;

- барои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи мазкур омилҳои зерин муҳиманд: баланд бардоштани сатҳи омодагии ҳарбӣ-сиёсии сарҳадҳои ҷанубии худ ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил; пешгирӣ кардани интиқоли маводи мухаддир; муҳофизати мамлакат аз

таҳдидҳои террористӣ; роҳ надодан ба афзоиши таъсири Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ дар минтақаи мазкур; иштирок дар лоиҳаҳои минтақавии иқтисодӣ ва энергетикӣ;

- таҳқиқи таҳаввули дурнамои сиёсати хориҷии Афғонистон дар ибтидои асри XXI дар шароити пурра аз хоки Ҷумҳурии Исломии Афғонистон баровардани қувваҳои эътилофӣ зери роҳбарии Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва ташаккули элитаи нави ҳокимияти сиёсии кишвар хеле муҳим арзёбӣ мегардад;

- дурнамои ба сари ҳокимият омадани роҳбарони ба Ғарб майлдошта, онҳоеро, ки ба устуворию суботи вазъи минтақаи Шарқи Миёна манфиатдоранд, водор мекунад, ки ба масъалаи таъсири муносибатҳои байниҳамдигарии сатҳи байналмилалӣ диққати ҷиддӣ диҳанд;

- дар як қатор кишварҳои Шарқи Миёна омили динӣ дар фаъолияти байналмилалӣ қувват гирифта вазъи сиёсии ин давлатҳоро ноором сохтааст. Дигаргуниҳои бунёдии ҷаҳон ва минтақа ба дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI ва ба муносибатҳои ин кишвар бо давлатҳои ҳамсоя таъсир расониданд.

Дар кори таҳқиқотии Мамадғафуров Исмоил, ки ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони муосир дар муносибатҳои байналмилалӣ бахшида шуда дар он паҳлуҳои гуногуни таҳқиқи тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI анҷом дода шуда, муаллиф тавонистааст ҳадаф ва вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо иҷро намояд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз усулҳои умумимантиқӣ, индуктивӣ ва дедуктивӣ, таснифот ва низомнокӣ, таҳлили вазъиятҳои ҷудогона ва ҳамчунин усули муқоисавиро истифода бурда, равандҳои тағйирёбии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро нишон додааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки бори аввал дар илми сиёсатшиносии ватанӣ иқдом гирифта шуд, ки ба тариқи маҷмӯӣ таҳаввули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI мавриди таҳлил қарор гирад.

**Асосҳои сарчашмавии таҳқиқотро** осори Э.Раҳмон, санадҳои меъёрии-ҳуқуқӣ ва маводҳои бойгонии вазорату кумитаҳои давлатӣ ташкил медиҳад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин маводҳои бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои ба дастомадаро дар омӯзиши роҳҳо ва омилҳои таъсиргузор ба муносибатҳои байналмилалӣ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаи амалии таҳқиқ имкон медиҳад, ки вазъи имрӯзаи равандаҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон таҳлил ва муайян карда шуда, рушди минбаъдаи вазъият дар минтақаи Осиёи Марказӣ пешгӯйӣ шавад ва воситаҳои мубориза бо хатарҳои нав имконпазир гардад, ҳамчунин роҳҳои пешгирии он муайян гарданд.

**Дар хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ** муҳаққиқ аз анҷоми корҳои иҷрошуда натиҷагирӣ карда ба хулосае омадааст, ки дар шароити кунунӣ мавҷудияти сиёсати хориҷии Афғонистонро дар фаҳмиши анъанавӣ баҳо додан душвор аст, чунки давлат солҳои зиёд дар ҳолати ҷанги шаҳрвандӣ, муқовимати мусаллаҳонаи байниқавмӣ ва ҳузури низомиёни хориҷӣ қарор дорад. Омезиши ин омилҳо, аслан ба таҳияи самти даркшудаи сиёсати хориҷии давлат халал расонида, манфиатҳои миллиро ба манфиати бозингарони хориҷӣ тобеъ менамояд. Дар робита бо шаклгирии самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва таҳкими доктринаи сиёсати хориҷии ин кишвар метавон қайд намуд, ки ҳамгиройи ин кишвар бо Иёлоти Муттаҳидаи Америка, кишварҳои Европа ва

давлатҳои бузурги минтақавӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ ба ҳисоб меравад.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада ва хулосаҳои муаллиф ба воситаи илмияти диссертатсия, методология, методҳо ва адабиёти илмии истифодашуда аз ҷониби муаллиф мустақилона мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтани мавзӯи таҳқиқотӣ асоснок карда мешавад. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот иштирок намуда, натиҷаҳои пажуҳиши худро дар шакли мақолаҳои илмӣ чоп намудааст. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 4 мақолаи илмӣ ва 2 маърӯзаи муаллиф чоп гардидаанд. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқаррааргардида ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқоти мазкурро пурра ифода менамояд.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. Мамадгафуров И.Э. Эволюция внешней политики Афганистана в контексте общественно-политических процессов начало XX1 века. [Текст] /И.Э. Мамадгафуров// Вестник Таджикского национального университета. – 2019, №3. - С. 293-298.

[2-М]. Мамадгафуров И.Э. О некоторых особенностях формированиях в концепции международного сотрудничества Афганистана. [Текст] /И.Э. Мамадгафуров// Вестник Таджикского национального университета. – 2019, №9. - С. 30-33.

[3-М]. Мамадгафуров И.Э.Трансформация политической системы Афганистана и его влияния на внешнюю политику. [Текст] /И.Э. Мамадгафуров //Вестник Таджикского национального университета. – 2020, №1. - С. 43-53.

[4-М]. Мамадгафуров И.Э. Формирования нового международного иммиджа Исламской Республики Афганистан после президентских

выборов 2019 г. [Текст] /И.Э. Мамадгафуров// Вестник Таджикского национального университета. – 2020, №2. - С. 44-50.

Дар давраи таҳияи диссертатсия, Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович аз ухдаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ баромада, вазифаҳои дар назди худ гузошташударо пурра иҷро намудааст. Диссертатсияи ӯ кори илмию таҳқиқотии мустақилона анҷомдодашуда мебошад, ки дар омӯзиши минбаъдаи ҷомеаи иттилоотӣ ва бартараф намудани монеаҳои дар ин самт мавҷудбуда саҳми арзанда мегузорад. Таҳқиқоти мазкур дар илмҳои сиёсии хориҷӣ иқдоми хеле муҳим ба шумор рафта, барои таъмини муносибатҳои байналмилалии давлат аҳамиятнок мебошад.

Дар маҷмӯъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия бо ихтисоси 23.00.04 – масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мувофиқат менамоянд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Мамадғафуров Исмоил Эгамназарович дар мавзӯи: "Тағйирёбии дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар ибтидои асри XXI" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналхалқӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ барои ҳимоя тавсия мегардад.

**Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав 16 сентябри соли 2020 қабул гардидааст.**

**Дар ҷаласаи кафедра 14 нафар иштирок намуданд.**

**Дар ҷаласаи кафедра 14 нафар иштирок намуданд.**

**Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, зид – нест, бетараф – нест.**

**Суратмаҷлиси №4 аз 16 сентябри соли 2020.**

______________ **Саидзода Диловар Абдулаҳад – номзади илмҳои сиёсӣ, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

______________ **Саидзода Дилшод Саид – котиби ҷаласа**

**Имзои н.и.с. Саидзода Д.А.-ро тасдиқ менамоям.**
**Мудири шуъбаи кадрҳои ДДБ ба номи Носири Хусрав**

**Шукурзод Ҷамшед Абдуалим______________**

735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.